# Нур дар торикӣ



Матн ва суратҳои: Чарис Симон

дар асоси „Нури ҳаёт"-и
Патрисия Сент Ҷон


ДАР КИМ-КУҶОИ МАРОКАШ...
ДАР ЯКЕ АЗ РӮЗҲОИ БАҲОР..
ҲОМИД! ҲОМИД!
ТУ БАРОИ ЧӢ ОМАДӢ?
БАРОИ НИГОҲУБИН КАРДАНИ БУЗҲО.
ТУРО МОДАРАТ ҶЕҒ МЕЗАНАД.
...ВАЙ ГИРЯ ДОРАД — БА ФИКРАМ, ХОҲАРЧААТ КИНЗА КАСАЛ АСТ.
ХАЙР, ФАҚАТ БУЗҲОРО НАҒЗАКАК НИГОҲУБИН КУН.


ҲОМИД, ЗУДТАР!
ОЧА, ЧӢ ГАП ШУД?
КАНӢ, БА КИНЗА БО ДИҚҚАТ НИГОҲ КУН.
ҲОМИД ФАВРАН ФАҲМИД...
ВАЙ... ВАЙ НАМЕБИНАД!?
ВАЙ ҲЕҶ ГОҲ КОР КАРДА НАМЕТАВОНАД. ПАДАРАНДАРИ (ПАДАРИ ЎГАЙ) ТУ САИД МУҲАММАД ВА ЗАНИ ДИГАРАШ ҲАМИН КИ ИНРО ФАҲМАНД ЎРО АЗ МО МЕГИРАНД.
ЧӢ КОР КУНЕМ?
МАН БА МАЗОР РАФТА БУДАМ ВА БАРОИ ШИФОЁБӢ ДУО КАРДАМ... ВАЛЕ ИН ЁРДАМ НАКАРД. МАН НАМЕДОНАМ, БОЗ ЧӢ КОР КАРДАН МУМКИН АСТ!


ДАР ХУДИ ҲАМОН РӮЗ, БАЪДТАР...
ТУ МАРО ФИРЕБ КАРДА НАМЕТАВОНӢ! КӮДАКРО БА МАН ДЕҲ!
КАНӢ, НИШОН ДЕҲ, ЧАРО ТУ ӮРО ПИНҲОН МЕКУНӢ!
БА МАН ДЕҲ, ГУФТАМ!
МАН МЕДОНИСТАМ!
ВАЙ ТАМОМАН НОБИНО АСТ!
ШАВҲАРАМОН ХУДИ ИМРӮЗ ДАР БОРАИ ИН ХОҲАД ДОНИСТ.


БА НОМИ АЛЛОҲ!
ЧӢ ГАП ШУД!?


ВАЙ КӮР АСТ! КӮР!
ТУ ҲАМАИ МОРО ФИРЕБ КАРДӢ!
ФИРЕБ КАРДӢ!
МАН ФИРЕБ НАКАРДААМ!
ХОМӮШ БОШ!
МО БО ВАЙ ПУЛИ НАҒЗ КОР КАРДА МЕТАВОНЕМ!
МАН ШАХСИ ОБРӮМАНД ҲАСТАМ, ВАЛЕ...
...МАН ШАХСЕРО МЕДОНАМ, КИ ӮРО МЕГИРАД, ТО ҲАМРОҲИ Ӯ САДАҚА ПУРСАД.
ДАР ОН ШАБ ҲОМИД ХОБ КАРДА НАТАВОНИСТ...
ВАЙ ЧУНОН НОТАВОН АСТ.
МАН ДАР ТОРИКӢ РОҲНАМОИ Ӯ МЕШАВАМ,
ТАМОМИ ҲАЁТАМ!
...ВАЛЕ ЧӢ ХЕЛ?
МАН ХУДАМ ҲОЛО КӮДАК ҲАСТАМ.
ПАС, КӢ СИТОРАИ РОҲНАМОИ Ӯ ШУДА МЕТАВОНАД?


КИНЗА АЛЛАКАЙ БА ҚАДРИ КИФОЯ КАЛОН ШУДААСТ, ТО КИ ПУЛ КОР КУНАД...
ИН МУЗД АЗ БАРОИ КИНЗА БАРОИ ИН ҲАФТА.
ВАҚТЕ КИ БАРОИ ВАЙ МЕОЙ, БА МО БАЪЗЕ ЧИЗҲОРО МУҲОКИМА КАРДАН ЛОЗИМ МЕОЯД.
КОР КУН!


ДАР ХУДИ ҲАМОН БЕГОҲ...
НЕ! ИЛТИМОС, НЕ!
АДО ХАРИДАНИ КИНЗАРО ПЕШНИҲОД МЕКУНАД.
ДУХТАРАКИ МАН! ДУХТАРАКИ МАН!
МО ӮРО МЕФУРӮШЕМ
...БАЪДИ СЕ РӮЗ!
ИН ТАВР НАМЕШАВАД!
МАН БА ИН РОҲ НАМЕДИҲАМ!



ПАГОҲИИ ДИГАР...
ҲОМИД, МО БОЯД МАСЛИҲАТ КУНЕМ...
МАН МЕДОНАМ, КИ МӮЙСАФЕД КИНЗАРО ХАРИДАН МЕХОҲАД.
ТУ ӮРО НАҶОТ ДОДА МЕТАВОНӢ, АГАР ХОҲӢ.
МАН???
КАСЕ БА МАН НАҚЛ КАРДА БУД, КИ ОН ҶО, ДАР ПАСИ КӮҲҲО ҲАМШИРАИ АНГЛИС, КИ РОЗМАРӢ НОМ ДОРАД, ЗИНДАГӢ МЕКУНАД.
МАН ФИКР МЕКУНАМ, КИ ВАЙ КИНЗАРО ТО КАЛОН ШУДАНАШ ПАРАСТОРӢ КАРДА МЕТАВОНАД.
КИНЗАРО БА НАЗДИ Ӯ БАР, — ХУДИ ИМРӮЗ РАҲСИПОР ШАВ.
ШАБОНА РАВЕД, ВАЛЕ РӮЗОНА ПИНҲОН ШАВЕД.


ҲОМИД МЕРАВАД, — ВА Ӯ МЕФАҲМАД, КИ ҲЕҶ ГОҲ БА ХОНА БАРГАШТА НАМЕТАВОНАД.
БА КӮҲ, БА ПОЁН, — ҲОМИД РОҲРО ДАВОМ МЕДИҲАД...
МАН ДИЛГИР ШУДАМ!
Ш-Ш-Ш!
ТУ БА ҲЕҶ КАС МАЪҚУЛ НАМЕШАВӢ
...ШУСТУШӮ КАРДАН ЛОЗИМ АСТ.
БИЁ БАРОИ ҲАМШИРА — БАРОИ МОДАРИ НАВИ ТУ ГУЛҲО БИЧИНЕМ.


НИҲОЯТ ОНҲО БА ШАҲРИ КАЛОНЕ РАСИДАНД...
ШУМО БА НАЗДИ ҲАМШИРАИ АНГЛИС РОҲРО НИШОН ДОДА НАМЕТАВОНИСТЕД?


ВА ДАР ИН ҶО ҲОМИД СУРУДХОНИИ КӮДАКОНРО МЕШУНАВАД ВА НАЗДИКТАР МЕРАВАД...
ОНҲО ЧӢ КОР МЕКУНАНД?
ДАР БОРАИ ЧӢ СУРУД МЕХОНАНД?
БА СУХАНОН ШАВҚ ПАЙДО КАРДА, ҲОМИД МЕШИНАД ВА ГӮШ МЕКУНАД...
ИСО ГУФТ: «МАН НУРИ ҶАҲОН ҲАСТАМ; ҲАР КӢ МАРО ПАЙРАВӢ КУНАД, ДАР ТОРИКӢ РОҲ НАПАЙМОЯД, БАЛКИ НУРИ ҲАЁТРО ЁБАД» (ЮҲАННО 8:12).
ВАЛЕ ҲОМИД ВАҚТ НАДОРАД, ТО КИ ШИШТА ГӮШ КУНАД...


...ДАР АВВАЛ Ӯ БОЯД БАРОИ КИНЗА ҒАМХОРӢ КУНАД.
ДАР ИН ҶО ЧӢ ҚАДАР КӮДАК, ШОЯД ҲАМШИРА КИНЗАРО ГИРИФТАН НАМЕХОҲАД,
...ВАЛЕ АГАР МАН ӮРО ҲАМТУ ДАР ДОЛОНИ ХОНА МОНАМ...
...ВАЙ БОЯД ӮРО ГИРАД.
ҲАМШИРА ӮРО БА КӮЧА НАМЕПАРТОЯД, ОХИР!
КИНЗА МАН ТУРО ДАР ИН ҶО МЕМОНАМ, ВАЛЕ ТУ ГИРЯ НАКУН!


ҲОМИД ДАР КУНҶЕ ПИНҲОН МЕШАВАД, ВАЛЕ ДАР САРАШ ИН СУХАНОН САДО ДОДАНРО ДАВОМ МЕДИҲАНД:
НУРИ ҶАҲОН ЧИСТ? ИН ЧӢ МАЪНО ДОРАД?
ИСО ГУФТ: МАН НУРИ ҶАҲОН ҲАСТАМ... ДАР ТОРИКӢ РОҲ НАПАЙМОЯД, БАЛКИ НУРИ ҲАЁТРО ЁБАД...
АГАР ЧУНИН ТОРИК НАМЕБУД
...ВА АГАР МАН ЧУНИН ГУРУСНА НАМЕБУДАМ...
ҲАМИН ВАҚТ ҲОМИД МЕШУНАВАД, КИ КИМ-КАДОМ БАЧАҲО ДАР БОРАИ ОН ГАП МЕЗАДАНД, КИ ДАР ХОНАИ ҲАМШИРА БУДАНД:
ИН ДУХТАРАК КИСТ?
МОДАРИ ВАЙ ДАР КУҶОСТ?
ТАНҲО БАЪДИ ОН КИ ҲАМА РАФТАНД, ҲОМИД ГАШТА, НАЗДИ ХОНА ОМАД.
ҶОИ РАФТАН НАДОШТ, ВА ВАЙ ДАР БОЛОИ ТӮДАИ АХЛОТ (ХОКРӮБА) ХОБ РАФТ.


ПАГОҲИИ БАРВАҚТ...
ЧӢ КОР БОЯД КАРД?
МАН БИСЁР ХӮРДАН МЕХОҲАМ.
АГАР ДАР ХОНА МЕБУДАМ...
МЕБАХШЕД, БА ШУМО ДАР НОНВОЙХОНА ЁРДАМЧӢ ЛОЗИМ НЕСТ?
ХАЛАЛ НАМЕРАСОНД...
ВАЛЕ АГАР МАН БИНАМ, КИ ТУ ДУЗДӢ МЕКУНӢ...
...ШӮЪБАИ ПОЛИС ДАР ОН ТАРАФИ РОҲ АСТ!
БАЪДИ РӮЗИ ДАРОЗИ КОРӢ...
ТУ ЯГОН ЧИЗ ХӮРДӢ?
ТУ НАҒЗ КОР КАРДӢ.
МЕТАВОНӢ ПАГОҲ БОЗ БИЁӢ.


ТУ КИСТӢ?
МАН АЗ ДЕҲАИ ҲАМСОЯ.
ҲОМИД ДУРӮҒ ГУФТ, ТО КИ ХУД ВА КИНЗАРО ҲИМОЯ КУНАД...
ПАДАРУ МОДАРАТ ДАР КУҶОЯНД?
ВАФОТ КАРДАНД.
ТУ ДАР КУҶО ЗИНДАГӢ МЕКУНӢ?
ДАР КӮЧА.
МО ҲАМ.
МАН АЯШИ.
БИЁ, БА МО НОН ХАР, ВА МО ТУРО ҚАБУЛ МЕКУНЕМ.
БИЁЕД, БАЧАҲО, БА ҲОМИД НИШОН ДИҲЕМ, КИ МО ҲАМЕША ДАР КУҶО ХӮРОКИ ШОМ МЕХӮРЕМ.


ШУМО ДИНА ДАР ХОНАИ ҲАМШИРА ИН ДУХТАРАКИ МАЙДАЯКРО ДИДЕД?
НЕ.
ИМРӮЗ ҲАМШИРА БАРОИ КОФТАНИ ВОЛИДОНИ ВАЙ МЕРАВАД.
ВА АГАР ОНҲОРО НАЁБАД?
МАГАР ВАЙ ӮРО ДАР КӮЧА МЕМОНАД?
НАМЕМОНАД, — ВАЙ ДИЛИ СОФ ДОРАД.
РАФТЕМ, — ВАЙ ҲОЛО ДАРРО МЕКУШОЯД.
ҲАМШИРА МЕТАВОНАД ПАЙ БАРАД, КИ МАН БА КИНЗА МУНОСИБАТЕ ДОРАМ...
РАФТЕМ!
МАН НАМЕРАВАМ.
ЧӢ КОР КАРДАНАШРО НАДОНИСТА, ҲОМИД ДАР МАСОФАИ ДУРТАР АЗ ҚАФОИ БАЧАҲО РАФТ...


ДАРО,
ОХИР.
ГУЗАР, ДАР
НАЗДИ
БАЧАҲО ШИН.
ҲАМИН ВАҚТ БАЧАҲО
АЗ МАН ПУРСИДАНД,
КИ ОЁ ЧУНИН МАКОНЕ
ҲАСТ, КИ ДАР ОН ҶО
ГУРУСНАГӢ, КАСАЛӢ
ВА ТАРС НЕСТ.
ЧӢ, МАГАР
ҲАСТ?
ЧУНИН МАКОН — ОСМОН АСТ,
КИ ДАР ОН ҶО ХУДО ЗИНДАГӢ
МЕКУНАД. ДАР ОН ҶО ҲАМА
ЧИЗ ХУБ АСТ, ВА ҲАМА
ХУШБАХТ ҲАСТАНД.
17.6. ВА МО БА
ОН ҶО РАФТА
МЕТАВОНЕМ?
ОЁ МЕДОНӢ... ХУДО
ОДАМОНРО БА ОН ҶО РОҲ
ДОДА НАМЕТАВОНАД,
ЧУНКИ ОНҲО БИСЁР
КОРҲОИ БАД
МЕКУНАНД.
ВАЛЕ ПИСАРИ
ХУДО ИСО БА
ЗАМИН БАРОИ
ОДАМОН ОМАД,
ЧУНКИ Ӯ ОНҲОРО
ДӮСТ
МЕДОРАД.
Ӯ ЯГОН КОРИ БАДЕ
НАКАРД, ВАЛЕ МУРД, ТО КИ
БАРОИ ҲАМАИ ОНҲОЕ КИ
БАД РАФТОР МЕКУНАНД,
ҶАЗО БИНАД.
ИСО ЗИНДА
АСТ!
Ӯ АЗ МУРДАГОН
ЭҲЁ ШУД ВА БА
ОСМОНҲО
БАРГАШТ.
Ӯ ИН
КОРРО КАРД, ТО КИ
МО ҲАМ ЯГОН ВАҚТ
БА ОСМОНҲО РАФТА
ТАВОНЕМ.


ХӮРОКИ ШОМ БАЪДИ СӮҲБАТ...
ИН ДУХТАРАК ДАР КУҶОСТ?
ВАЙ АЛЛАКАЙ ХОБИДААСТ.
ҲЕҶ КАС ДАР БОРАИ ВАЙ ҲЕҶ ЧИЗ НАМЕДОНАД. ВАЙ НОБИНО АСТ, ВА ШОЯД БА ЯГОН КАС ДАРКОР НЕСТ.
ҲОЛО ВАЙ ДАР ХОНАИ МАН МЕМОНАД.
МУМКИН АСТ МАН ӮРО БИНАМ?
ЧАРО ӮРО ДИДАН МЕХОҲӢ?
ШОЯД, МАН МОДАРИ ӮРО МЕШИНОСАМ.
НЕ, МАН ӮРО НАМЕШИНОСАМ.
ЯКУМИН БОР ДАР УМРАШ ХОМИД ОДАМИ ҲАҚИҚАТАН БЕҒАРАЗРО ВОХӮРД...
ШУМО ОДАМИ ХУБ ҲАСТЕД!


ВАҚТ МЕГУЗАШТ, ВА ҲОМИД БА ЗИНДАГИИ ДУШВОРИ КӮЧАГӢ ОДАТ КАРД.
АБДУЛҚОДИР ДАР КУҶОСТ?
ВАЙ ОМАДА НАМЕТА-ВОНАД.
ЛИБОСАШ ТАМОМАН ДАРИДААСТ.
Ӯ БЕРУН БАРОМАДА НАМЕТАВОНАД.


БАЪДИ ХӮРОКИ ШОМ, ВАҚТЕ КИ ҲАМА РАФТАНД...
ҲОМИД, МЕХОҲӢ КАМТАР ПУЛ КОР КУНӢ? МАРО БА НАЗДИ АБДУЛҚОДИР БАР.
АЛБАТТА!
ИСТО, МАН БАРОЯШ ЯГОН ХЕЛ ЛИБОС ГИРАМ.
ЧАНД ТУХМРО ДУЗДИДА, ҲОМИД ҚАРОР ДОД, КИ БЕҲТАРАШ ДАР БЕРУН, ДАР ТОРИКӢ ИНТИЗОР ШАВАД...
ҲОМИД МУНТАЗИР НАБУД, КИ РОЗМАРӢ ФОНУС МЕГИРАД...
РАФТЕМ.
БА РӮШНОЙ НАЗДИКТАР БИЁ.
ҲЕҶ ГАП НЕ!
ВОЙ!


БИЁ БАРМЕГАРДЕМ ВА ЗОНҲОЯТРО МЕБАНДЕМ.
РОҲРО БОШАД ДАФЪАИ ДИГАР БА МАН НИШОН МЕДИҲӢ.
ҲОМИД, ТУ БАРОИ ОН АФТИДӢ, КИ ДАР ТОРИКӢ РОҲ РАФТӢ.
ТУ ПИНҲОН ШУДАН МЕХОСТӢ, БАРОИ ОН КИ ТУХМҲОИ МАРО ДУЗДИДӢ.
МАН БОЯД ТУРО ДИГАР БА ИН ҶО РОҲ НАДИҲАМ...
...ВАЛЕ МАН ТУРО МЕБАХШАМ...
...ФАҚАТ ТУ БОЯД ВАЪДА ДИҲӢ, КИ ДИГАР ДУЗДӢ НАМЕКУНӢ.
МЕДОНӢ, БО ИСО НИЗ АЙНАН ХУДИ ҲАМИН ТАВР АСТ: АГАР ТУ ЯГОН КОРИ БАД КУНӢ, ДАР РАВШАНИИ Ӯ БУДА НАМЕТАВОНӢ.
ИСО МЕГӮЯД, КИ Ӯ НУРИ ҶАҲОН АСТ.
БАРОИ ҲАМА КОРИ БАДЕ КИ КАРДӢ, АЗ Ӯ БАХШИШ ПУРС.
ВА ОН ГОҲ МЕТАВОНӢ ҲАМЕША ДАР РАВШАНИИ Ӯ РОҲ РАВӢ. ЧӢ ТАВРЕ КИ МАН ЗАХМИ ТУРО ТОЗА КАРДАМ, ҲАМИН ТАВР Ӯ ТУРО АЗ ДАРУН ТОЗА МЕКУНАД.


ҲОМИД БО МИННАТДОРӢ ДАЪВАТИ ХОБРАВИРО ҚАБУЛ КАРД. БАРОЯШ ХУБ АСТ, ВА ЯКУМИН БОР ДАР УМРАШ ВАЙ ДУО МЕГУФТ...
ХУДОИ АЗИЗ, АГАР ТУ, ЧУНОНЕ КИ РОЗМАРИ МЕГӮЯД, ИН ҚАДАР ОДАМОНРО ДӮСТ МЕДОРӢ, ВА АГАР ПИСАРИ ТУ ИСО БАРОИ МАН МУРДААСТ...
...ПАС БА МАН ДИЛИ СОФ ДЕҲ. БАРОИ ҲАМАИ ОН КОРҲОИ БАДЕ КИ КАРДАМ, МАРО БУБАХШ. ИЛТИМОС, БА МАН ҲАЁТИ НАВ ДЕҲ. МАРО ДАР ЗИНДАГӢ РОҲНАМОӢ КУН.


БОРЕ ПАГОҲӢ...
КИНЗА! ИМРӮЗ ҶИЯНАМ ҶЕННИ БО ВОЛИДОНАШ АЗ АНГЛИЯ МЕОЯНД.
ҶЕННИ! ҶЕННИ!
БАЪДИ ЯКЧАНД СОАТ...
10 14 - 3116
МОДАРҶОН! НИГОҲ КУН, ЧӢ ХЕЛ ДУХТАРЧАИ НАҒЗАКАК!
ҶЕННИ! ЧУНИН БЕОДОБ БУДАН ЛОЗИМ НЕСТ. БО ХОЛААТ БА ТАВРБОЯДУ ШОЯД САЛОМ КУН!
АССАЛОМ, ХОЛАҶОН!
БО ИН ДУХТАРЧА ЧӢ ШУДААСТ?
ВАЙ ҲЕҶ ЧИЗРО НАМЕБИНАД...


ДАР ХУДИ ОН РӮЗ РОЗМАРӢ ҶЕННИ ВА КИНАЗАРО БА БОЗОР БУРД...
КИНЗА!?
САИД МУҲАММАД!
Ӯ ДАР ИН ҶО ЧӢ КОР МЕКУНАД?!
МАН ДАР КӮҲҲО ПИНҲОН МЕШАВАМ
...ВАЛЕ КИНЗА ДАР ХОНАИ ҲАМШИРА ДАР БЕХАТАРӢ ХОҲАД БУД.
ШУМО РАВЕД, ВАЛЕ МАН БОЯД БОЗ ЯК ЧИЗ ХАРАМ.
ДАР ХОНА МЕБИНЕМ. ВА ДАР ЯГОН ҶОЙ НАИСТЕД.


ЧЕННИ МЕДОНИСТ, КИ РОСТ БА ХОНА РАФТАН ЛОЗИМ АСТ, ВАЛЕ ДАР БОҒИ ШАҲР НИШАСТА, ХОНДАНИ КИТОБ БИСЁР ХУБ БУД. ТАҚРИБАН ПАНҶ ДАҚИҚА...
КИНЗА?
БОЗ ДАР БОЗОР...
КИНЗА-А!!
КИНЗА-А-А!!!


ЧЕННИ ГИРЯКУНОН БА ХОНА ДАВИДА РАФТ, ВАЛЕ РОЗМАРӢ АЛЛАКАЙ ИНТИЗОР БУД. ЧЕННИ ДАР БОРАИ ВОҚЕАИ РУХДОДА БО ДУШВОРӢ НАҚЛ МЕКУНАД...
ТУ ДАР ХОНА ШИН, МО БО ВОЛИДОНАТ БА КОФТАНИ КИНЗА МЕРАВЕМ.
ИН ҲАМА БАРОИ ОН РУХ ДОД, КИ МАН ГӮШ НАКАРДАМ!
ҶУСТУҶӮХО ЯГОН НАТИҶАЕ НАДОДАНД...
КИНЗА?
ШОЯД ӮРО ХЕШОВАНДОНАШ ГИРИФТА БОШАНД?...
КИНЗА?
ВОҚЕАН, ҲОМИД ДАР КУҶО БОШАД?
ШОЯД, Ӯ ЯГОН ЧИЗРО МЕДОНАД... МАН АЛЛАКАЙ ФИКР КАРДАМ, КИ ОЁ ОНҲО БАРОДАР ВА ХОҲАР НАБОШАНД...
...ВАЛЕ ҲОМИД ҲАМ ДАР ЯГОН ҶО НАБУД.
ОНҲО БОЯД ФАҚАТ БА ХОНА РАФТА...
...ДУО КУНАНД!
ХУДОВАНДО, ҒАМИ ӮРО БИХӮР ВА ӮРО САЛОМАТ БАРГАРДОН.


БАЪД АЗ ЧАНД ВАҚТ...
МАН БИСЁР АФСӮС МЕХӮРАМ!
МАН НАМЕХОСТАМ, КИ ЧУНИН ШАВАД!
ҶЕННИ, ТУ ГӮШ НАКАРДӢ! ОХИР МАН БА ТУ ГУФТАМ, КИ РОСТ БА ХОНА РАВ.
МАН МЕДОНАМ, ВАЛЕ ДАР БОҒИ САЙРУ ГАШТ БИСЁР ШИШТАН МЕХОСТАМ...
МАН МЕХОҲАМ ДУРУСТ РАФТОР КУНАМ...
...ВАЛЕ БО КАДОМ ЯК САБАБЕ ИН КОРРО КАРДА НАМЕТАВОНАМ.
ИН АЗ БАРОИ ГУНОҲЕСТ, КИ ДАР МО ЗИНДАГӢ МЕКУНАД. ВАЛЕ АГАР ДАР МО ИСО ЗИНДАГӢ КУНАД, Ӯ ОҲИСТА-ОҲИСТА ДИЛИ МОРО ДИГАРГУН МЕКУНАД.
ВА ТУ Ӯ ВА ДИГАРОНРО БОЗ БИСЁРТАР ДӮСТ МЕДОРӢ.
БАЛЕ, МАН МЕХОҲАМ ИНРО ЁД ГИРАМ!
ПАС БИЁ БА Ӯ ДАР БОРАИ ИН БИГӮЕМ.
ХУДОВАНД ИСО, ИЛТИМОС, МАРО БУБАХШ, КИ МАН ФАҚАТ ДАР БОРАИ ХУДАМ ФИКР МЕКУНАМ. ИЛТИМОС, ДИЛИ МАРО ИВАЗ КУН.
ВА ИЛТИМОС, КИНЗАРО БА МО БАРГАРДОН!


РОЗМАРӢ ХОБ КАРДА НАМЕТАВОНАД ВА ДАР ШАҲР МЕГАРДАД...
ҲОМИД! АНА ТУ ДАР КУҶОЙ! ТУ БАРОИ ЧӢ ПИНҲОН ШУДӢ?
КИНЗА ГУМ ШУД. ТУ НАМЕДОНӢ, КИ Ӯ ДАР КУҶО БОШАД?
ВАЙ ИНРО БАРҚАСД МЕПУРСАД?. ШОЯД, ПАДАРАНДАРАМ БО ВАЙ ГАП ЗАДААСТ?
...ВАЛЕ МАН ДИГАР ДУРӮҒ ГУФТАН НАМЕХОҲАМ!
ҲОМИД, КИНЗА ХОҲАРИ ТУСТ?.. БА МАН ГӮЙ, — МАН ӮРО ЁФТАН МЕХОҲАМ.
БА ФИКРАМ, ӮРО ПАДАРАНДАРАМ ГИРИФТААСТ. Ӯ МЕХОҲАД ВАЙРО БА ГАДОЕ ФУРӮШАД.
...ВАЛЕ АГАР МАН РАВАМ ВА ПУЛИ ЗИЁДТАР ПЕШНИҲОД КУНАМ?


ПАГОҲИИ БАРВАҚТ...
ОЁ МАН МОДАРАМРО МЕБИНАМ?
РОҲИ ДАРОЗРО ТАЙ КАРДА, НИҲОЯТ ОНҲО БА ДЕҲАИ ҲОМИД РАСИДАНД.
ҲОМИД, БЕҲТАРАШ ДАР ЯГОН ҶОЙ ПИНҲОН ШАВ.
ХУШ ОМАДЕД БА ХОНАИ МАН!
ШИНЕД, БО МО ЧОЙ НӮШЕД.
МО БАРОИ ДУХТАРЧАИ НОБИНОИ ШУМО, КИНЗА, ОМАДЕМ.
БАРОДАРАШ ӮРО ДАР ПАРАСТОРИИ МАН МОНДА БУД.
МАН ӮРО ДӮСТ ДОШТАМ ВА БИСЁР МЕХОҲАМ, КИ ВАЙ БАРГАРДАД.
ВАЛЕ МАН НАМЕДОНАМ, КИ Ӯ ДАР КУҶОСТ!
КИНЗА! КИНЗА-А!


МАН ДАР ИН ҶО ҲАСТАМ!
АНА... ШУМО ЎРО ЁФТЕД.
...АКНУН ВАЙ ДУХТАРЧАИ ШУМО МЕШАВАД.
ВА БАРОЯШ ЧАНД ПУЛ МЕДИҲЕД?
ДАР АЙНИ ЗАМОН ЗОРА НОМАЪЛУМ АЗ ХОНА БАРОМАД. Ў ПАЙ БУРДА БУД, КИ ПИСАРАШ БОЯД ДАР ҚАРИБИҲО БОШАД...
МАН ДИГАР БАРОИ КИНЗА НАМЕТАРСАМ. ВАЛЕ ТУ... БА НАЗДАМ БАРГАРД! МАН ТУРО ХЕЛЕ ПАЗМОН ШУДАМ!
МАН МЕХОҲАМ ХОНДАНИ КИТОБИ МУҚАДДАСРО ЁД ГИРАМ — КИТОБЕРО, КИ БА ОСМОНҲО РОҲРО НИШОН МЕДИҲАД.
МАН ҲАМ ИНРО ДОНИСТАН МЕХОҲАМ!
БА САИД МУҲАММАД ГЎЙ, КИ ДИГАР МАРО НАЗАНАД, ВА МАН ВАҚТИ РАСИДАНИ МАВСИМИ ДАРАВ БАРМЕГАРДАМ.
ВА ОН ГОҲ БА ТУ ҲАМА ЧИЗРО ДАР БОРАИ ИСО НАҚЛ МЕКУНАМ.
НАБУДАНИ ЗОРАРО ПАЙ БУРДА, САИД МУҲАММАД ФАҲМИД, КИ ҲОМИД ДАР КЎЧОЕ ДАР НАЗДИКИҲО ПИНҲОН ШУДААСТ...
ҲОМИД!
САИД МУҲАММАД!



ҲОМИД!
1014-3 | 16
ҲАТТО ДАР ДАРУНИ МОШИН — ДАР БЕХАТАРӢ — ОНҲО ЗУД БА ХУД НАОМАДАНД...
ҲОМИД, ВОЛИДОНИ ҶЕННИ КИНЗАРО БО ХУД БА АНГЛИЯ МЕБАРАНД. ДАР ОН ҶО Ӯ БА МАКТАБИ МАХСУС БАРОИ КӮДАКОНИ НОБИНО МЕРАВАД.
ТУ ЧӢ МЕГӮӢ? ТУ ЧӢ НАҚША ДОРӢ?
ШУМО ДУРУСТ ҚАРОР ДОДЕД, — МАН МЕДОНАМ, КИ ШУМО ӮРО ДӮСТ МЕДОРЕД.
ВА АГАР ШУМО БА МАН ХОНДАНРО ЁД ДИҲЕД, МАН ЯГОН ВАҚТ БА ХОНА БАРМЕГАРДАМ...
БА МОДАРАМ ДАР БОРАИ ИСО НАҚЛ МЕКУНАМ ВА БА ПАДАРАНДАРАМ МУҲАББАТИ ХУДОРО НИШОН ДОДА, БАРОИ ДАРАВИ МАВСИМ ЁРДАМ МЕКУНАМ.
ВА НАХОҲАМ ТАРСИД, ЧУНКИ ЧӢ ХЕЛЕ КИ ДАР ИНҶИЛИ ЮҲАННО 8:12 НАВИШТА ШУДААСТ, ИСО ГУФТААСТ: «МАН НУРИ ҶАҲОН ҲАСТАМ; ҲАР КӢ МАРО ПАЙРАВӢ КУНАД, ДАР ТОРИКӢ РОҲ НАПАЙМОЯД, БАЛКИ НУРИ ҲАЁТРО ЁБАД». Ӯ ҲАМЕША БО МАН ХОҲАД БУД!


АКНУН ҲОМИД БИСЁР ВАҚТ ДАР БОРАИ ЗИНДАГИИ ХУД ВА ДАР БОРАИ ОН ЧИ Ӯ ДАР БОРАИ ИСО ФАҲМИД, НАҚЛ МЕКУНАД...
ОЁ ТУ МЕХОҲӢ, КИ ДАР ҲАЁТАТ БА ҶОИ ТОРИКӢ НУРИ ИСО БОШАД?
ТО ВАҚТЕ КИ МАН АЗ ИСО ХОҲИШ КАРДАМ, ТО РАВШАНИИ МАН БОШАД, МАН ЧУН ИН ФОНУСИ ИФЛОС ХОЛӢ БУДАМ. МОРО РАФТОРҲОИ БАДИ МО ИФЛОС МЕКУНАНД — КИТОБИ МУҚАДДАС ОНҲОРО ГУНОҲ МЕНОМАД.
БА ГУНОҲҲОИ ХУД ИҚРОР ШАВ ВА АЗ ИСО ХОҲИШ КУН, КИ ТУРО БАХШАД. ҲАЁТИ ГУЗАШТАИ ПУРГУНОҲИ ХУДРО МОН ВА АЗ РӮИ КИТОБИ МУҚАДДАС ЗИНДАГӢ КУН. ДИЛИ ХУДРО КУШО ВА БОВАР МЕКУНӢ, КИ ИСО БА ҶОИ ТУ ҶАЗО ДОДА ШУД, ВА МУРД, ВА АЗ МУРДАГОН ЭҲЁ ШУД.
ВА ТУ ЧУН НУР ХОҲӢ ДУРАХШИД — ВА ИСО ДАР ТУ ЗИНДАГӢ КАРДА, ОДАМОНРО БА ВОСИТАИ ТУ ДӮСТ ХОҲАД ДОШТ.
БАРОИ ОН КИ ХУДОРО БЕҲТАР ДОНӢ...
ҲАР РӮЗ БО Ӯ ДАР ДУО ГАП ЗАН;
КАЛОМИ Ӯ — КИТОБИ МУҚАДДАСРО ХОН, ВА Ӯ БО ТУ ГАП ЗАДА, ТУРО ҲАР РӮЗ ДАР ЗИНДАГӢ РОҲНАМОӢ ХОҲАД КАРД;
БО ДИГАР ИМОНДОРОН ҲАРЧИ БЕШТАР ВОХӮРӢ КУН — ОНҲО ТУРО ДАСТГИРӢ КАРДА, БАРОИ ДАР ИМОН КАЛОН ШУДАН ЁРДАМ МЕКУНАНД.



ҲОМИД ХОҲАРЧАИ
МАЙДАЯКИ НОБИНОИ ХУД
КИНЗАРО, КИ ПАДАРАНДАРАШ
ӮРО БА ГАДО ФУРӮХТАНӢ АСТ,
ҲИМОЯ КАРДАН МЕХОҲАД.
КӮДАКОН АЗ ДЕҲАИ КӮҲИИ ХУРД
ДАР МАРОКАШ МЕГУРЕЗАНД, ТО КИ
БАРОИ КИНЗА ХОНАИ НАВ ЁБАНД.
ПИСАРБАЧА НУРЕРО МЕҶӮЯД , КИ ДАР
ТОРИКӢ РОҲИ ОНҲОРО РАВШАН
МЕКАРДА БОШАД.

This Comic is an adaptation of
"Star of Light" by Patrica St. John.
© 1953 Patricia M. St. John

International copyright secured for
the comic edition through Scripture Union.
© 2010 for the Tajik "Light in the Darkness" Comic.
All rights reserved.

Напечатана в Турции, ISBN: 978-975-462-0443, Тираж: 1000 экз.